«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор
__________ Сафарзода М.В.
«___» __________ соли 2026

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба диссертатсияи Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба бандҳои зерини 9.1., 9.2, 9,7. -и шиносномаи ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6) аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, мутобиқ мебошад.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Соҳаи кишоварзӣ яке аз бахшҳои калидии иқдисоди миллӣ ба ҳисоб рафта, ҳиссаи он дар маҷмуи маҳсулоти дохилии ҷумҳурӣ 24 % - ро ташкил дода, дар таъмини амнияти озуқавории кишвар саҳми босазо дорад. Дар ин самт нақши корхонаҳои кишоварзӣ басо назаррас мебошанд. Барои расидан ба ин ҳадафи стратегӣ нақши низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ ва дарёфти манбаъҳои гуногуни маблағгузорӣ муҳим арзёбӣ мегарданд.

Системаи самараноки қарздиҳӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар ҳалли мушкилоти марбут ба таъминоти молиявии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ нақши муҳим мебозад. Зарурати дастгирии давлатии қарздиҳии бахши аграрӣ бо як қатор омилҳо вобаста аст, ки дар байни онҳо хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзӣ, номутавозунӣ дар мубодилаи мол бо бахши саноатӣ ва инчунин зарурати бартараф кардани равандҳои манфӣ, ки рушди соҳаро бозмедоранд, калидӣ мебошанд. Таҷриба нишон дод, ки сиёсати имтиёзҳои қарзӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ, танҳо доираи маҳдуди қарзгирандагонро фаро мегирад ва барои қарздиҳии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ воситаҳои самаранокро пешбинӣ намекунад. Илова бар ин, он бо муносибати маҳдуд ба арзёбии устувории молиявии корхонаҳои кишоварзӣ ва ба назар гирифтани гуногунии шароити иқтисодии хоҷагиҳо фарқ мекунад.

Яке аз шартҳои асосии ба даст овардани самаранокии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ин аст, ки бояд соҳаи мазкур ба сармоягузориҳо ё ин, ки маблағгузориҳо таъмин карда шавад. Ҳамин аст, ки ҷиҳати рушди соҳаи кишоварзӣ ва равнақи корхонаҳои кишоварзӣ, муассисаҳои қарзӣ пешниҳоди қарзҳои имтиёзнокро ба роҳ

мондаанд. Коршиносони масоили иқтисодӣ бар он назаранд, ки рушди устувори соҳаи кишоварзӣ аз бисёр ҷиҳат ба ҷараёни мусбати раванди сармоягузорӣ ва маблағгузорӣ вобаста аст. Маврид ба зикр аст, ки яке аз мушкилоти асосӣ дар ин соҳа дарёфт накардани маблағҳо мебошад. Механизми раванди ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вижагиҳои хоси худро дорад, ки нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт фарққунанда мебошанд.

Аз ҳамин нуктаи назар омӯзиш ва таҳлилу натиҷагирии ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада шуда, мушкилоту камбудиҳои дар ин самт ҷойдошта ошкор, таъсири ин гузоришҳо ба самаранокии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ дар мисоли корхонаҳои кишоварзии кишвар мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Бо назардошти мушкилоти ҷойдошта, диссертатсияи Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад, меҳнати анҷомёфтаи илмии тахассусӣ мебошад, ки роҳи ҳалли нави як масъалаи таъхирнопазири илмиро ифшо намудааст. Омӯзиши нокифояи мушкилоти назариявӣ ва амалии ҷанбаҳои асосии хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисодиёти муосир муҳиммияти интихоби мавзуи таҳқиқоти илмӣ, ҳадаф ва вазифаҳои онро нишон медиҳад.

**3. Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо).** Аз нигоҳи мо унсурҳои навгониҳои пажуҳиши диссертатсионӣ, ки муаммоҳои илмии аз тарафи муҳаққиқ гузошташударо хеле саҳеҳ тавсия медиҳанд, чунинанд:

1. Дар диссертатсия бо истифода аз адабиёти илмӣ ва ҳуҷҷатҳои стратегӣ оиди мавзуи таҳқиқшаванда, фикру мулоҳизаҳои илмии муаллиф роҷеъ ба мафҳум ва муҳтавои иқтисодии қарзи кишоварзӣ, максад, вазифахо, принсипҳо қарзҳои имтиёзнок бо истиснодҳои илмӣ баён шудааст;

2. Мавриди зикр аст, ки унвонҷӯ дар кори диссертатсионии худ бо истифода аз факту далелҳои илмӣ, маълумоти оморӣ вазъи феълии қарздиҳиро дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда, мушкилоти асосии онро ошкор намуда аст;

3. Таҷрибаи кишварҳои хориҷиро истифода намуда, имконияти ҳамгироии низоми миллии қарздиҳии кишоварзӣ бо низомҳои ҷаҳонии қарздиҳии имтиёзнокро баҳодиҳӣ карда, роҳу усулҳои дар амал татбиқ намудани таҷрибаи пешрафтаи онҳоро барои рушди соҳаи корхонаҳои кишоварзии кишвар тавсия намудааст;

4. Муаллифи диссертатсия дар асоси сарчашмаҳои илмӣ модели консептуалиро дар самти рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки кишоварзӣ пешниҳод кардааст, ки дар он такмили механизмҳои дастгирии давлатӣ ва бартараф кардани монеаҳои институтсионалию молиявӣ афзалият дода шудааст.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ, хулосаҳо оид ба интихоби усулҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, микдори зарурии маводе, ки дар ҷараёни таҳқиқ истифода

шудааст, эътимоднокии манбаъҳои иттилоотии ҷамъовардашудаю коркардшуда оид ба мавзуи мазкур, бо тасдиқи муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар рисолаи диссертатсионӣ мавҷуданд, инчунин, нашрияҳо тасдиқ карда мешаванд. Муаллифи диссертатсия фаҳмиши амиқи «моҳияти иқтисодии мафҳуми «қарздиҳии кишоварзӣ», «имтиёзҳои қарз» -ро бо такя ба доираи васеи манбаъҳои илмӣ, аз ҷумла корҳои муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ нишон медиҳад. Дар таҳқиқ асосҳои назариявии таҳаввулоти муносибатҳои қарзии корхонаҳои кишоварзӣ бонкҳо, ҷанбаҳои назариявию методологии қарзи кишоварзӣ ва муҳтавои иқтисодии он, зарурати қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар шароити ноустувории молиявӣ аниқ муайян карда шудаанд. Асоснокии муқаррароти назариявию ҷанбаҳои асосии қарзҳои имтиёзнок ба корхонаҳои кишоварзӣ ва самаранок истифода бурдани онҳо дар соҳа бо мантиқи пайдарпайи изҳорот, далелҳои хулосаҳо ва истинодҳо ба манбаъҳои бонуфуз тасдиқ карда мешавад.

Муаллиф на танҳо бо номбар кардани равишҳои назариявию методологии мавҷуда маҳдуд мешавад, балки таҳлили интиқодии онҳоро мегузаронад, ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи баҳодиҳиии пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ба корхонаҳои кишоварзиро ошкор мекунад, тафсирҳо ва такмилҳои худро пешниҳод менамояд. Хулосаҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда аз таҳлили маълумоти назариявӣ, методологӣ ва оморӣ бармеоянд. Муаллиф хулосаҳои возеҳ ва асоснокро дар бораи ҳолати имрӯзаи пешниҳоди қарзҳо аз ҷониби бонкҳо ба сектори кишоварзӣ баён намуда, мушкилот ва ихтилофоти асосиро муайян сохта, роҳҳои асосӣ ва механизмҳои пешниҳод кардани қарзҳои имтиёзнок ба соҳаи кишоварзиро муайян месозад. Пешниҳодҳои таҳиякардаи муаллиф хусусияти мушаххас ва амалӣ доранд, ки ба ҳалли мушкилоти баланд бардоштани самаранокии истифодабарии қарзҳо дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд.

Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назариявӣ ва эмприкӣ пешниҳод гардидаанд.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқро натиҷаҳои илмӣ ва амалии таҳқиқи чандинсолаи муаллиф оид ба хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар бар мегирад. Муқаррароти илмӣ ва тавсияҳои амалии дар кори диссертатсионӣ таҳияшуда имкон медиҳанд, ки дар сатҳи нисбатан баланди илмӣ ва методӣ, ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии ташаккули сиёсати муваффақи қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ ва ҳалли вазифаҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ ҳалли ҳамаҷонибаи худро ёбанд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқи диссертатсионӣ** аз он иборат аст, ки дар истифодаи муқаррарот ва тавсияҳои пешниҳодшуда аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои молиявию қарзӣ барои татбиқ дар низоми қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ ифода меёбад. Татбиқи амалии муқаррароти таҳияшуда имкон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми қарздиҳии

имтиёзноки соҳаи кишоварзӣ ташаккул ёбад ва дар ин асос истеҳсолоти кишоварзӣ рушд карда, сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои кишоварзӣ баланд бардошта шавад. Ҳангоми баррасии мавзуъ муаллиф ба равияҳои консептуалӣ, ки дар монографияҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳисоботи илмии марказҳои намоёни илмӣ баён гардидаанд, инчунин, ба қонунҳо, стратегияву барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намудааст.

**6. Мазмуни кори диссертатсионӣ.**

**Дар муқаддима** мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқ асоснок карда шуда, тавсифи умумии таҳқиқ таҳия гардида, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия ва истифодаи натиҷаҳои он кушода шудаанд.

**Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявию методологии қарздиҳии корхонаҳои кишоварзӣ»** ном гирифта, таҳаввулоти муносибатҳои қарзии корхонаҳои кишоварзӣ бо бонкҳо, ҷанбаҳои назариявию методологии қарзи кишоварзӣ ва муҳтавои иқтисодии он, зарурати қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар шароити ноустувории молиявӣ, мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудааст (саҳ. 13-73).

**Дар зербоби 1.1. диссертатсия** аз нигоҳи унвонҷӯ, таҳқиқи равандҳои таҳаввули муносибатҳои қарзӣ нишон медиҳад, ки ба ғайр аз шаклҳои бонкии қарздиҳӣ дар соҳаи кишоварзӣ, хусусан дар марҳилаҳои аввали пойдоршавии муносибатҳои бозорӣ инчунин шаклҳои дигари қарзи ғайрибонкӣ, аз қабили қарзи молӣ низ аҳаммияти махсус дорад. Ба ақидаи муҳаққиқ, хуб мебуд, агар маблағи аз сармоягузорон гирифтаи миёнаравҳо на дар шакли молӣ, балки бевосита дар шакли қарзи пулӣ (бо фоизи муайян) дода мешуд ва ҳолатҳои ба миён омадани ҳар гуна қаллобиҳо ва амалҳои ғайрирасмӣ пешгирӣ карда мешуданд. Яъне маблағҳои сармоягузорон, ки асосан ташкилотҳои хориҷӣ буданд, бояд на тавассути миёнаравҳо, балки бо ҷалби бонкҳои тиҷоратӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ расонида мешуданд (саҳ. 32).

**Дар зербоби 1.2 диссертант** зимни таҳқиқи ҷанбаҳои методологӣ ибрози ақида намуд аст, ки афзоиши пешниҳоди захираҳои қарзӣ, ки дар давраҳои муайян мушоҳида мешавад, талаботи соҳаи кишоварзиро ба маблағҳои қарзӣ тасдиқ мекунад, аммо набудани тамоюли устувор нишон медиҳад, ки воситаҳои молиявӣ ба амсилаи ягонаи миллии рушди кишоварзӣ ҳамгиро карда нашудаанд. Аз нигоҳи методологӣ, ин аз набудани заминаҳои институтсионалӣ шаҳодат медиҳад: механизмҳои махсуси қарздиҳии дарозмуҳлати кишоварзӣ, низомҳои суғуртаи хавфҳои кишоварзӣ, воситаҳои кафолат ва методикаҳои стандартишуда барои арзёбии хавфҳои биологӣ ва мавсимӣ вуҷуд надоранд. Дар натиҷа, вазъияте ба миён омадааст, ки дар он низоми танзими давлатӣ ва бахши бонкӣ ба таври пароканда, бе такя ба амсилаи умумии консептуалии маблағгузории кишоварзӣ амал мекунанд (саҳ. 38).

**Дар зербоби 1.3 муҳаққиқ зимни таҳқиқи** худ муайян кардааст, ки зарурати дастгирии давлатии молиявии соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо он асоснок карда мешавад, ки рушди босуръати истеҳсолоти кишоварзӣ на танҳо ба ҳалли масъалаҳои амнияти озуқаворӣ

дар мамлакат, бехгардонии натиҷаҳои молиявӣ ва ҳосилнокии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ нигаронида шудааст, балки он метавонад рушди босуръати соҳаҳои дигари бо кишоварзӣ ҳамҷаворро низ таъмин кунад. Ҳамаи ин дар якҷоягӣ зарурати ташаккули механизмҳои махсуси маблағгузорӣ, аз қабили қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзиро дар шароити ноустувории молиявӣ муайян мекунад (саҳ. 60).

**Боби дуюми диссертатсия «Таҳлили вазъи муосири қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** унвон гирифта, дар он хусусиятҳои механизми амалкунандаи қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлил ва арзёбии мушкилоти асосии қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ, истифодаи имконияти ҳамгирой бо низомҳои ҷаҳонии қарзӣ дар қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ, мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор дода шудаст (саҳ. 74-126).

**Дар зербоби 2.1 диссертатсия** муаллиф ҳангоми таҳлилҳо муайян кардааст, ки мувофиқи маълумоти омори расмӣ аз ҳаҷми тамоми маблағгузории қарзии бонкҳо дар соли 2022, ки 9795,6 млн. сомонӣ мебошад, танҳо 479,6 млн. сомонӣ (4,9%) ба корхонаҳои кишоварзӣ рост меояд. Аз ҷумла, дар соли 2022 қарзҳои дарозмуҳлати бонкӣ, ки корхонаҳои кишоварзӣ гирифтаанд, ҳамагӣ 19,2 млн. сомонӣ мебошанд, ки ин 4,0%-и ҳаҷми умумии қарзҳои бонкии ба корхонаҳои кишоварзӣ додашударо ташкил медиҳад (саҳ. 84). Ҳамзамон, муҳаққиқ иброз медорад, ки мушкилоти дигар – сатҳи баланди меъёрҳои фоизи қарзи бонкӣ мебошад. Бонкҳои тиҷоратӣ қарзҳоро ба субъектҳои хоҷагидорӣ, аз ҷумла ба корхонаҳои кишоварзӣ бо фоизҳои хеле баланд пешниҳод мекунанд. Маълумоти оморӣ шаҳодат медиҳад, ки дар моҳҳои январ-декабри соли 2023 андозаи миёнаи фоизи қарзҳои бонкӣ бо пули миллӣ 23,09% ва бо асъори хориҷӣ 12,09%-ро ташкил додааст (саҳ. 85).

**Дар зербоби 2.2. муаллиф таҳлил карда баромада** иброз медорад, ки қарзҳои бонкӣ бештар ба соҳаҳои саноат, сохтмон, кишоварзӣ, савдои хориҷӣ, истеъмолот ва нақлиёт сафарбар карда шудаанд. Дар солҳои аввали давраи таҳлилӣ, аниқтараш дар солҳои 2016-2018 ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар сохтори қарзҳои бонкии ба соҳаҳои иқтисодиёт сафарбаршуда нисбатан бештар аст: дар соли 2016 – 12,6%, соли 2017 – 12,0% ва соли 2018 – 11,5%. Вале дар солҳои минбаъда ин нишондиҳанда паст шуда, дар соли 2022 – 8,0% ва дар соли 2023 – 7,0%-ро ташкил додааст (саҳ. 95).

**Дар зербоби 2.3. диссертант иброз медорад, ки** ҳангоми таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ, муҳим аст, ки механизмҳои дастгирии давлатӣ ва воситаҳои қарздиҳии имтиёзнок ба таври возеҳ фарқ карда шаванд, зеро онҳо якхела нестанд. Чораҳои дастгирии давлатӣ субсидияҳо, имтиёзҳои андоз, нақшаҳои кафолат, ҷуброни меъёри фоизӣ ва суғуртаи хавфи кишоварзиро дар бар мегиранд, дар ҳоле ки қарздиҳии имтиёзнок танҳо як унсури ин низом буда, маблағҳои қарзиро бо меъёрҳои пасттар нисбат ба бозор пешниҳод мекунад. Аз ин рӯ, таҳлили амалияҳои байналмилалӣ бо баррасии тафовути байни шаклҳои мустақим ва ғайримустақими дастгирӣ

бояд пурра карда шавад, ки барои дақиқтар арзёбӣ кардани нақши қарзҳои имтиёзнок дар рушди кишоварзӣ имкон медиҳад (саҳ. 125).

**Боби сеюми диссертатсия «Тамоюлоти рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ»** ном гирифта, дар он рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар асоси дастгирии давлатӣ, роҳҳои ҳалли мушкилоти асосии қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ, мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст (саҳ. 127-160).

**Дар зербоби 3.1 муаллиф исбот кардааст**, ки дастгирии давлатӣ тавассути пешниҳоди қарзи имтиёзнок дар мамлакат ҳанӯз ташаккул наёфтааст. Танҳо дар доираи барномаҳои давлатӣ бо ҷалби маблағҳои буҷетӣ ва грантҳои ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ пешниҳоди дастгирии молиявӣ сурат мегирад. Чунин дастгирии давлатӣ барои рушди босуботи соҳаи кишоварзӣ басанда нест. Барои ин дар мамлакат ба роҳ мондани қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар асоси дастгирии давлатӣ бо истифодаи маблағҳои буҷетӣ зарур аст. Зеро, тавре аз хулосаи параграфи пешини кор бармеояд, таҷрибаи корбурди чунин шакли дастгирии давлатӣ бо ҷалби бонкҳои тиҷоратӣ, инчунин таъсиси бонкҳои махсусгардонидашудаи давлатӣ ва хусусӣ, кооперативҳои қарзӣ барои маблағгузории рушди кишоварзӣ дар мамлакатҳои пешрафта ба натиҷаҳои муайян ноил гардидааст (саҳ. 133).

**Ҳангоми таҳқиқи зербоби 3.2. муаллиф иброз медорад**, ки қарздиҳии имтиёзноки кишоварзӣ бояд қатъиян дар доираи барномаҳои давлатӣ ва лоиҳаҳои афзалиятноки рушди соҳаи кишоварзӣ сурат гирад ва самаранокии онҳо аз ҷониби давлат арзёбӣ карда шавад. Дар ин маврид самаранокии истифодаи қарзи имтиёзнок аз нигоҳи корхонаи кишоварзии қарзгир бояд ҳамчун қобилияти ҳар як воҳиди пулии маблағи қарзи барои рушди истеҳсолот сафарбаршуда, барои овардани фоида баррасӣ карда шавад (саҳ. 157). Диссертант дуруст қайд мекунад, ки низоми кафолати давлатӣ барои қарзҳои кишоварзӣ таъсис дода шавад, ки қисман пӯшонидани хавфи қарзиро дар ҳаҷми 50-70% пешбинӣ кунад ва дастрасии қарзро барои корхонаҳои кишоварзие, ки гарави кофӣ надоранд, васеъ намояд (саҳ. 159).

Дар қисмати хулосаи диссертатсия пешниҳод натиҷаҳои асосии таҳқиқ ҷамъбаст ва дар асоси онҳо тавсияҳои дахлдор ироа гардидаанд.

**7. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмии дархостшаванда.** Чуноне аз шиносоӣ бо муҳтавои асноду мадорики пешниҳоднамудаи унвонҷӯ бармеояд, тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш мутобиқат менамояд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллифи диссертатсия ба тахассуси илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва талабот ба чунин намуди корҳо мувофиқат мекунанд. Ҳангоми тавсифи довталаб ба ҳайси корманди илмӣ сифатҳои шоистаи ӯро, чун донишомӯзӣ, қатъият, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани корҳои илмӣ-таҳқиқӣ,

мустақилона қабул намудани қарорҳо ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда махсус бояд таъкид кард.

**8. Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Ҳамаи давраҳои иҷроиши накшаи кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудааст. Муаллиф дар таҳлил ва ҷамъбаст кардан, ба низом даровардан, аниқ ва пурра кардани равишҳои назариявӣ ва амалии равандҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ ифода меёбад. Аз ҷониби муаллиф таҳаввулоти муносибатҳои қарзии корхонаҳои кишоварзӣ бо бонкҳо таҳқиқ ва муҳтавои иқтисодии мафҳуми қарзи кишоварзӣ аниқ карда шудааст, зарурати корбурди қарзи имтиёзноки кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шуда, самтҳои рушди он муайян карда шудааст.

**9. Дар баробари муваффакиятҳо, дастоварду пешниҳодҳои дакиқи илмӣ, дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқи ояндаи диссертант аз аҳаммият холӣ нестанд:**

1. Дар зербоби 1.1. муаллиф вобаста ба марҳилаҳои рушди таҳаввулоти муносибатҳои қарзии корхонаҳои кишоварзӣ бо бонкҳо, ягон модели консептуалиро таҳия мекард, бисёр бо маврид мебуд;
2. Дар зербоби 1.2. ҷанбаҳои назаривӣ ва методологии қарзи кишоварзӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, аммо микдори зиёди матни зербоби мазкур характери таҳлилӣ дорад ва ҳамзамон мавқеи муаллиф дар ин зербоб норавшан боқӣ монда аст;
3. Дар навгонии сеюм диссертант зикр мекунад, ки таҷрибаи хориҷиро омӯхта, имконияти мутобиқсозии онро ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ кардааст. Тавре мушоҳида мегардад, мисолҳои мушаххаси мутобиқсозӣ (масалан, кадом воситаҳо, кадом усулҳо ва ба кадом корхонаҳо) оварда нашудаанд;
4. Муҳаққиқ дар зербоби 2.2., саҳифаи 95, ҷадвали2.5., ҳаҷми қарзҳои равоншудаи бонкиро ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ, бахусус самти кишоварзӣ, тариқи нишондиҳандаҳои оморӣ таҳлил кардааст. Агар муҳаққиқ то чи андоза вобастагии сатҳи рушди соҳаи кишоварзиро аз истеъмоли маблағгузориҳои қарзи бонкҳои тиҷоратӣ бо таҳлилҳои амиқи хеш дар шакли ҷадвал ё диаграмма сохта дар матн нишон медод, кори анҷомшуда аз манфиат холӣ намебуд;
5. Дар зербоби 3.1. диссертатсия, рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар асоси дастгирии давлат мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, аммо кадом бонк ба соҳаи кишоварзӣ бештар қарзҳои имтиёзнокро пешниҳод мекунанд норавшан боқӣ монда аст;
6. Дар боби 3-юм, новобаста аз параграфҳояш як ё ду ҷадвал оидиояндабинӣ («прогнозные расчеты») таҳия карда мешуд, ба манфиати кор мебуд;

**10. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои такризшавандаи илмӣ.** Аз рӯйи мавзуи таҳқиқ 8 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои такризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

**11. Мувофиқати матни автореферат бо мазмуни диссертатсия.**

Автореферат бо мазмуни диссертатсия мувофиқат мекунад. Он дар шакли фишурда мундариҷаи асосӣ ва сохтори диссертатсияро инъикос намуда, асоснокӣ, муҳим будан, навгонии таҳқиқ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва хулосаҳои асосии таҳқикро пурра тавсиф менамояд. Автореферат ва корҳои нашршуда бо мазмун ва муҳтавои бобу фаслҳои рисола, маводи батафсил баррасида (рисолаву дастурҳои таълимӣ, 8 мақола, ки 4 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст), мувофиқ мебошанд.

**12. Хулосаи умумӣ ба диссертатсия**

Дар маҷмуъ таҳқиқи диссертатсионии Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» пажуҳиши нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан кам таҳқиқшуда, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи диссертатсияҳои дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Тақриз аз натиҷаи ҷаласаи кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таҳия шудааст (протоколи № 9 аз 28.04. 2026).

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 16 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳии кушод: тарафдор – 16 нафар, зид – нест; бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент — Комилзода Н.Б.

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент — Вазирзода Д.Р.

**Котиби ҷаласа:**
н.и.и, и.в., дотсент — Раҳматзода У. Р.

Имзоҳои Комизода Н.Б., Вазирзода Д.Р. ва Раҳматзода У.Р. -ро тасдиқ мекунам:

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ** — Давлатов М.А.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16,
Тел.: (+992 8 33 22) 2 35 06; 2 35 07,
факс: (+992 8 33 22) 3 35 06
E-mail: info@kgu.tj;
Сомонаи расмӣ: www.kgu.tj

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС